# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-079 назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Сафарализода Хуҷамурод Қуддусӣ дар мавзуи «Таҳдидҳои замони муосир ва таъсири онҳо ба суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

1. Диссертатсияи Сафарализода Хуҷамурод Қуддусӣ дар мавзуи «Таҳдидҳои замони муосир ва таъсири онҳо ба суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ ба талаботи бандҳои 32-33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогири масъалаҳое мебошад, ки барои таъмини амнияти миллӣ ва ҳифзи суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти зиёди назариявию амалӣ доранд. Кори диссертатсионии мазкур аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқот ва нуктаҳои навини илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

2. Мавзуъ, мазмуну мундариҷаи диссертатсия ва автореферат ба ихтисос ва соҳаи илме, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияҳо иҷозат дода шудааст, мутобиқат менамояд. Мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-079 назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ҳуқуқи ба ҳимоя қабул намудани диссертатсияҳо аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ дода шудааст. Ҳамзамон таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми ноябри соли 2017, таҳти №5/2 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

3. Диссертатсия ва автореферат бо риояи талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми марти соли 2022, таҳти №3 тасдиқ шудааст, таҳия гардидааст.

4. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар мавзуи «Таҳдидҳои замони муосир ва таъсири онҳо ба суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо шиносномаи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мутобиқат менамояд. Дар банди 8-уми шиносномаи ихтисоси мазкур «Субъектҳои ноаён дар сиёсат», дар банди 10-ум «Назарияи аксионизми сиёсӣ», «Консепсияи рушди устувор дар илмҳои сиёсӣ» ва дар банди 11-ум «Омилҳои хавф» ва «Усулҳои таҳлили хавфҳои сиёсӣ» барои таҳқиқ пешбинӣ гардидаанд. Диссертатсияи мазкур аз рӯйи мазмуну мундариҷаи худ бо мавзуъҳои пешбининамудаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, таҳти № 503 «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» мувофиқат менамояд. Дар қарори мазкур «манфиатҳои муҳимми миллӣ», «амнияти иттилоотӣ», «таҳдидҳои нави ҷаҳонӣ», «кибертерроризм», «экстремизми динӣ ва терроризм», «киберҷиноятҳо» ва ғ. барои таҳқиқ пешбинӣ гардидаанд.

5. Довталаби дараҷаи илмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия 1 монографияи илмӣ, 22 мақолаи илмӣ ва 17 маърӯзаи илмӣ нашр намудааст. Мақолаҳои илмии довталаб дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп гардидаанд. Маърӯзаҳои илмии муаллиф дар маводи конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ нашр гардидаанд. Дар интишороти муаллиф натиҷаҳои асосии диссертатсия, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои амалии довталаб пешниҳод шудаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, пурра ҷавобгӯ мебошад.

6. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Сафарализода Хуҷамурод Қуддусӣ истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, гувоҳӣ медиҳад. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи довталаб маълумоти ғайрисаҳеҳ мавҷуд нест. Сарчашмаҳои илмӣ ва маводи эмпирикие, ки довталаби дараҷаи илмӣ истифода намудааст, боэътимод мебошанд. Методҳои илмии истифоданамудаи муаллиф бо соҳаи илм ва ихтисоси илмии диссертатсия мувофиқат менамоянд.

7. Банди 56-уми Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, инчунин банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмиро, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021,

таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ба инобат гирифта, комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ пешниҳод менамояд:

1) Диссертатсияи Сафарализода Хуҷамурод Қуддусӣ дар мавзуи «Таҳдидҳои замони муосир ва таъсири онҳо ба суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-079 назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2) Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъйин карда шаванд:

- доктори илмҳои сиёсӣ Комилбек Амид Ёрбек;
- доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Холиқзода Абдураҳим Ғафор;
- доктори илмҳои фалсафа Зоҳидов Очил Ҳоҷибоевич.

3) Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода таъин карда шавад.

4) Нашри эълон оид ба ҳимояи ошкорои диссертатсия дар Шурои диссертатсионӣ ва ҷойгир намудани матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаи расмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ ва сомонаи расмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5) Чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва паҳн намудани он ба суроғаҳои дахлдор иҷозат дода шавад.

Раиси комиссия:
доктори илмҳои сиёсӣ Каримов Ш.Т.

Аъзои комиссия:
доктори илмҳои фалсафа Ҳайдаров Р.Ҷ.

доктори илмҳои сиёсӣ Шарифзода Л.Ш.